*ТДУ 82.09 (575.3)*
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-2-207-211***

# *ПОТЕНСИАЛИ ФАННИ «ТАЪРИХИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ХОРИҶА” ДАР ТАЪЛИМИ ДОНИШҶӮ-ЖУРНАЛИСТОНИ КАСБӢ*

***Саидхоҷаева Маликахон Алиевна,*** *н.и.ф., сармуаллими кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ “ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров” (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ПОТЕНЦИАЛ ДИСЦИПЛИНЫ «ИСТОРИЯ ЗАРУБЕЖНОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ» В ОБУЧЕНИИ БУДУЩИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ЖУРНАЛИСТОВ*

***Саидходжаева Маликахон Алиевна****, к.ф.н., старший преподаватель кафедры журналистики и теории перевода ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *POTENTIAL OF DISCIPLINE "HISTORY OF FOREIGN JOURNALISM" FOR TRAINING STUDENTS-JOURNALISTS OF PROFESSION*

***Saidkhojayeva Malikakhon Alievna****, candidate of philological sciences, senior lecturer of the department of journalism and translation theor under the SEI “KhSU named after acad. B. Gafurov” (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *msafss0007@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:*** *таълими журналистика, таърихи журналистикаи хориҷа, методҳои омӯзиши фаъоли таълим, технологияҳои инноватсионии педагогӣ, liberal arts*

*Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогика муносибати назария ва амалия дар таълими журналистика бахшида шудааст. Муаллиф бар ин назар аст, ки имрӯз модели тадқиқотии таълим бартарӣ дорад – донишҷӯ бисёр медонад, вале амалан кам иҷро мекунад. Ба назари муаллифи мақола ислоҳот дар соҳаи таълим зарур аст, ки дар доираи он донишҷӯён ҳам дониши назариявӣ ва ҳам малакаҳои амалӣ пайдо кунанд. Пешниҳод мешавад, ки ислоҳотро бояд аз таҷдиди барномаҳои таълимии фанҳои алоҳида оғоз кард. Дар мақола мулоҳизаҳо доир ба ислоҳот аз фанни «Таърихи журналистикаи хориҷа» меравад.Имкониятҳои фанни мазкур дар тарбияи журналистони касбии оянда мавриди баррасӣ қарор мегирад.*

***Ключевые слова:*** *журналистское образование, история зарубежной журналистики, методы активного обучения, инновационные педагогические технологии, liberal arts*

*Статья посвящена одной из обсуждаемых тем – соотношению теории и практики в журналистском образовании. Автор полагает, что сегодня преобладает научно-исследовательская модель преподавания – выпускник много знает, но мало что умеет. Указывается на необходимость реформы образовательного контекста, в рамках которого студенты получат и теоретические знания, и практические навыки. Реформу можно начинать с пересмотра рабочих программ отдельных дисциплин. В статье рассматриваются возможности предмета «История зарубежной журналистики» в обучении будущих профессиональных журналистов.*

***Key words:*** *journalism education, history of foreign journalism, active learning methods, innovative pedagogical technologies, liberal arts*

*The article dwells on one of the urgent topics being the relationship between theory and practice in journalism education. The author believes that today the research model of teaching prevails - a graduate knows a lot, but knows little. A reform of the educational context is needed, within which students will receive both theoretical knowledge and practical skills. The reform can begin with a revision of the work programs of individual disciplines. The article talks about the subject "The History of Foreign Journalism".*

Дар барномаи таълими ихтисоси журналистика номгӯи фанҳои ҳатмӣ барои тасаллут бар ихтисоси интихобшуда зикр шудааст: «Журналистикаи иттилоотӣ», «Асосҳои фаъолияти эҷодии журналистӣ», «Арт-журналистика» ва дигар фанҳо, ки ба фаъолияти амалию эҷодӣ нигаронида шудаанд. Мавзӯъҳое ҳастанд, ки донишҷӯёнро водор мекунанд, саволи зеринро пеш гузоранд. "Оё барои мо таълими фан муфид хоҳад буд?" Агар ҷавоб тасдиқкунанда бошад, боз суоли дигаре сар мезанад, "Чӣ тавр?" Донишҷӯён аз донишҳои гирифташуда чӣ гуна манфиат мегиранд?Ин суол ҳамеша дар силлабус пурсида мешавад. Масалан, ин савол аз фанни таълимии «Таърихи журналистикаи хориҷа» («ТЖХ») ба вуҷуд омаданаш мумкин аст. Посух ин аст, ки ҳангоми омӯзиши фан дар омӯзиши донишҷӯён ҷаҳонбинии худро васеъ мекунанд, онҳо

ҳатто метавонанд аз таҷрибаи муваффақи расонаҳои хориҷӣ дар кори худ истифода баранд. Дигар суоли пешоянда ин ки, оё дар дарси ТЖХ фикр кардан ва навиштанро маҳз ҳамчун журналист ёд гирифтан мумкин аст, на таърихшинос? Ҷавоби суол тасдиққунанда аст.

Мутобиқи Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҷӯёни ихтисоси 1-23 01 08 - «Рӯзноманигорӣ» рӯзноманигорони дараҷаи бакалавр бояд равандҳо ва тамоюлҳои асосии инкишофи журналистикаи хориҷӣ, стандартҳои касбӣ ва намунаҳои беҳтарини онро донанд, дар такмил додани маҳорати касбӣ таҷрибаи касбии беҳтарин журналистони хориҷиро омӯхта, таҳлил карда тавонанд [5]. Дар феҳристи ихтисосҳои номбаршудаи макотиби олӣ "Рӯзноманигорӣ" ҳамчун мутахассис ба қайд гирифта шудааст ва он салоҳияти: «қобилияти паймоиши марҳилаҳои асосӣ ва равандҳои рушди адабиёту журналистикаи хориҷӣ ва ин таҷрибаро дар фаъолияти касбӣ истифода бурданро дорад”. Чӣ тавр ба донишҷӯён истифода бурдани донишҳои журналистикаи хориҷиро омӯзондан дар салоҳияти касбии муаллимон вогузор шудааст. Ҳар кас ин масъаларо дар асоси имкониятҳо ва идеяҳо дар бораи мақсаду вазифаҳои худ ҳал мекунад.

Тибқи нақшаи таълимии ихтисос барои донишҷӯёни курси якум аз фанни “ТЖХ” ҳамагӣ 4 кредит дар ҳаҷми 96 соат ҷудо гардидааст, ки ин соати нишондодашуда ба 16 дарси назарӣ (лексия), 32 соат амалӣ, 18 соат КМРО дар ҷадвал, 6 соат КМРО берун аз ҷадвал ва 24 соат КМД тақсимбандӣ шудааст.

Лексияҳо ба тариқи анъанавӣ буда – маълумот дар бораи заминаҳои пайдоиш ва ташаккули журналистика дар хориҷи кишвар аз Риму Юнони Қадим оғоз гардида, то давраи муосир бо пешниҳоди намунаи фаровони рӯзномаю маҷаллаҳо, радиову телевизион, оҷонсиҳои иттилоотӣ ва нақлҳои ҷолиб аз фаъолияти касбии мухбирони маъруфи ҷаҳониро дар бар мегиранд. Дар меҳвари машғулиятҳои амалӣ тайёрии мустақилонаи донишҷӯён (матнҳои лексияро хондан, ба саволҳо ҷавоб додан, навиштани маводи иттилоотӣ аз медиаи хориҷӣ) ва муҳокимаи якҷояи матнҳои пешакӣ омӯхташудаи шогирдон дар назар дошта шудааст.

Дар поёни курс донишҷӯён имтиҳони ниҳоиро дар шакли тестӣ месупоранд. Аз соли 2015 омӯзиши самти журналистика якҷоя бо самтҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ ва фарҳангшиносӣ, аз рӯи модели таълими ***liberal arts*** таҷриба шуда истодааст. Аз муаллимон бо истифода аз усулҳои таълими фаъол ва таҷрибавӣ, азнавсозии барномаҳои таълимӣ талаб карда мешавад.

Китоби мутахассисони амрикоӣ “Бознигарӣ дар омӯзиши муҳандисӣ. Равиши CDIO”[3] номгӯи талаботҳоро ба донишҷӯёни муосир ёдрас мекунад: онҳо (хоҳ писар ё духтар) бояд донишҳои табиатшиносӣ ва информатикаро дар доираи фаҳмиши худ муттаҳид карда тавонанд, аз худ намудани этикаи касбӣ ва ҳисси масъулияти ҷамъиятӣ, шахсияти эҷодкор ва навовар бошанд, муошрати шифоҳӣ ва хаттии пешравро дошта бошанд ва ҳоказо [1,с.3]. Донишҷӯён бояд ба нақша гирифта тавонанд, тархрезӣ, истеҳсол ва татбиқи низомҳои мураккаби муҳандисиро ба роҳ монанд. Дар китоб махсусан, дар бораи нозукиҳои таълими муҳандисӣ сухан меравад, аммо он ҳам барои журналистон ба қадри кофӣ муфид ва барои истифодаи идеяҳои таълими журналистика, масалан, зарурати омӯзиши студиявӣ, лоиҳаҳои гурӯҳӣ, ҳалли мушкилот, озмоиш ва тадқиқот хеле мувофиқ аст. Донишҷӯёни тамоми соҳаҳо ва ихтисосҳо бояд на танҳо назарияи аз тарафи муаллим хондашударо гирифтанашон лозим аст, балки дар дохили донишгоҳ барои азхуд кардани амалия таҷрибаҳо гузаронанд. Дар ин радиф, барои дар амал татбиқ намудани ин дигаргуниҳо, зарур аст, ки контексти таълимро тағйир дод.

Агар мо, муҳандисонро бо журналистон баробар муқоиса кунем, муаллимон ба онҳо эҷод кардани объектҳо, ҷараёнҳо ва низом меомӯзанд. Пас журналистонро таълим додан лозим аст, ки андешаҳо, гузоришҳо, ғояҳо ва арзишҳоро эҷод ва тавлид кунанд. Тамоми пойгоҳи омӯзиш бояд аз ҷиҳати меъморӣ ва дар бораи зарурати банақшагирӣ, лоиҳакашӣ, истеҳсол ва татбиқ кардан пурмазмун сохта шавад (П4) маводи содаи иттилоотӣ, мураккаби таҳлилӣ ва конвергении иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ барои платформаҳои гуногуни ВАО низ аз рӯи ҳамин меъёр таҳия шаванд. Модели П4 мундариҷаи як ё якчанд фанҳоро иваз намекунад, он шакл ё чаҳорчӯба мегардад, ки дар он муаллимон курсҳои гуногунро таълим медиҳанд, ки бояд дар заминаи амалияи воқеии ВАО баррасӣ шаванд [1,с.3].

Имрӯз журналист-мутахассиси касбии муосир, нафарест, ки дар ҷараёни таҳсил дар донишгоҳ пайваста дониш, маҳорат ва сифатҳои шахсиро дар васоити ахбори омма ва коммуникатсия такмил медиҳад ва ба манфиати ҷомеа кӯшиш мекунад, муаррифӣ мешавад. Рӯзноманигорони имрӯза бояд ниёзҳои иттилоотии аудиторияро ҳамаҷониба таҳлил карда тавонанд, донишҳои нави технологияи компютерӣ ва малакаҳои коммуникатсиониро балад

бошанд. Аз журналистони муосир, муаллифи мақола аксар вақт ақидаи мантиқан ғалати «Дар донишгоҳ журналистро омӯзондан ғайриимкон аст», «Журналист метавонад фақат дар истеҳсолт ва таҷриба рушду камол ёбад» борҳо шунидааст. Бешубҳа, барои мутахассиси касбӣ шудан дар тамоми соҳаҳо ҳар як корхона таҷрибаи кори мунтазам ва кӯшишу ғайратро талаб мекунад. Хеле воқеаи нодир аст, ки журналистон дар шаш соли таҳсил (дараҷаҳои бакалавр ва магистр) якбора кадри «зарринқалам» ва баландихтисос омода шаванд, ба шарте ки донишҷӯён таҳсил ва корро дар муассисаҳои ВАО якҷоя пеш набаранд. Аммо сухан маҳз дар бораи таълиму тарбия меравад, ки ба истилоҳ «карера»-ро вусъат мебахшад ва бояд одати омӯзиши мунтазамро дар шахсияти худ парвариш намояд. Маҳз бо ин назардошт мо, чунин пешниҳод дорем, ки таълими журналистика бояд аз рӯи модели «аз назария ба амалия» ҷорӣ нашуда, вақте назария ба таври анъанавӣ дар донишгоҳ ба роҳ монда шуда, донишҳо давоми таҷрибаомӯзии тобистона амалан санҷида нашаванд, балки баръакс, донишҳо «аз амалия ба назария» ҷараён гиранд мувофиқи мақсад мебуд. Бо интихоби кадом воситаю роҳҳо ин принсип амалӣ шуда метавонад, дар мисоли фанни таълимии «Таърихи журналистикаи хориҷа» метавон нишон дод.

Дар дарсҳои назариявӣ ба донишҷӯён якчанд савол бидуни вариантҳои ҷавоб барои мулоҳиза пешниҳод мешаванд. Масалан, дар машғулият, баъд аз муҳокимаи мавзӯи «Воситаҳои иртиботӣ дар Юнони ва Рими қадим», ба донишҷӯён порча аз китоби М. Маклюан «Гутенберг Галактика» пешниҳод карда мешавад, барои ҷавоб додан ба саволҳо дар гурӯҳҳо, бо назардошти он ки қатъиян ҷонибдоранд ё не ва ба шакли тезис дар бораи аҳамияти интернет барои фарҳанги муосир далелҳо оваранд. Дар оғози дарс ба таври обзорӣ дар бораи тамоюлҳои рушди журналистика дар асри Х1Х маълумот пешниҳод мешаванд ва донишҷӯён пешакӣ адабиёти тавсияшударо аз барномаи кории фанни таълимӣ (силлабус) шинос шуда, мутолиа менамоянд, дар дарс муаллим онҳоро даъват менамояд, ки мавзӯи навро дар асоси донишҳои мавҷуда ва маълумоти нав гирифташуда, хусусиятҳои журналистикаи хориҷии асрҳои XVII—XVIII ва XIX-ро таҳлил намоянд. Донишҷӯён ба гурӯҳҳо тақсим шуда, барои муҳокима яке аз кишварҳоро интихоб мекунанд – ИМА, Британияи Кабир, Фаронса ё Олмон. Супориш – донишҷӯён асоснок исбот мекунанд, ки давлати интихобкардаи онҳо дар ҳақиқат мамлакати газетаҳо. Натиҷаи кори гурӯҳӣ дар экран нишон дода мешавад, муаллим хулосаҳои донишҷӯёнро шарҳ медиҳад.

*Вазифаҳо барои дарсҳои амалӣ аз фанни* «Таърихи журналистикаи хориҷа». Барои анҷом додани супоришҳо, донишҷӯён бояд адабиёти тавсияшуда ва матнҳои журналистиро барои таҳлил хонда, супориши эҷодӣ нависанд. Тавассути омодагӣ, донишҷӯён метавонанд дар муҳокимаи рӯйдодҳои таърихӣ, ки ба рушди журналистика ва воқеан ба матнҳои журналистӣ ё публитсистӣ омилҳои таъсиррасон доранд, иштирок кунанд. Дарси амалӣ дар атрофи як матни журналистӣ ва як воқеаи таърихӣ гузаронида мешавад. Масалан, дар дарси амалӣ оид ба мавзӯи «Таърихи матбуоти даврӣ дар Фаронса» мақола-номаи Эмил Золя «Айбдорам» (“Я обвиняю”) ва «Монография дар бораи матбуоти Париж» Оноре де Бальзак бояд хонда шавад. Донишҷӯён дар бораи он, ки чаро Эмил Золя пас аз чор соли айбдоркунии маҳкумияти Дрейфус мақолаи «Айбдорам»-ро нашр кардааст ва мувофиқи таснифоти Бальзак Эмил Золя кадом типи журналист мебошад фикр мекунанд ва супориши хаттиро дар шакли маърӯза, эссе ё иншои озод менависанд. Ҳамаи машғулиятҳои амалӣ тибқи ҷадвали якхела ташкил ва гузаронида мешаванд, ки онҳо аз донишҷӯён фаъолияти эҷодиро тақозо доранд. Супоришҳои хаттии эҷодӣ аз он фарқ мекунанд, ки эссеҳои академии анъанавӣ, ки дар он унсурҳои зарурии муқаддима, бо овардани ду-се сархати тезисҳо, ки дар муқаддима оварда шудааст ва хулосаю ҷамъбасти фикри шахсии донишҷӯ оид ба масъалаи баррасишаванда бояд иборат бошанд. Донишҷӯён ба таври ихтиёрӣ дар шаклҳои гуногун супоришҳои хаттӣ-эҷодӣ таҳия менамоянд, вале онҳо бояд ба як саволи мушаххас оид ба матн ва рӯйдоди таърихии мушаххас ҷавоб нависанд. Барои иҷрои ин супориш аз байни жанрҳои журналистика наздиктаринаш қолаби жанри шарҳу тавзеҳот аст. Ё худ табсира хеле мувофиқ аст. Муаллифи шарҳ ба хонандагон тафсири аслии худро дар бораи ҳодиса пешниҳод мекунад. Тафсир, ин шарҳ, равшанӣ андохтан, фаҳмонидан ва тавзеҳ додан аст. Бо ёрии шарҳ, чунон ки муҳаққиқи соҳа А. Тертичний қайд мекунад, “муаллиф муносибати худро ба воқеаҳои умда нишон медиҳад, вазифаҳо тартиб медиҳад ва масъаларо бо таҳлили мухтасари норасоиҳо ё дастовардҳо баҳо медиҳад, пешгӯии рушди ҳодисаро пешниҳод мекунад [4]. Шарҳ бо таҳлил асос ёфтааст, ки маҳз барои ҳамин тамоми супоришҳои эҷодӣ дар таркиби

худ саволҳои: «Чаро?», «Ба кӣ муфид аст?», «Чӣ тавр?» посух диҳад. Пажуҳишгари ватанӣ Мурод Муродӣ ҳадафи асосии жанри табсираро “шарҳ додани моҳияти воқеа ва хислати он” []менависад. Ба ин мазмун олими дигари тоҷик Иброҳим Усмонов қайд мекунад, ки “шарҳ додан ақидаи худро гуфтан аст ва аудиторияро ба ақидаи худ шарик кардан аст” [2,с.129].

Сохтори кори хаттӣ-эҷодӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

– маълумоти мухтасари воқеа;
– қиёси далелҳо, тезисҳои муаллифӣ аз матни таҳлилшуда
– муайян намудани вазъи кунунии журналистикаи хориҷӣ тавассути матни мавриди баҳс аст.
– хулосаи муаллиф (ақидаи шахсии донишҷӯ)

Муаллим мӯҳлати иҷрои ҳама супоришҳои эҷодиро қатъӣ муайян ва қабул мекунад. Баъди таъхири мӯҳлат ягон кори донишҷӯ ба инобат гирифта намешавад. Саривақт супоридани кор донишҷӯёнро водор мекунад, ки ҳангоми аз санҷишҳои фосилавӣ ба таври "худкор" озод шаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ин стратегия танҳо ба донишҷӯёни курсҳои поёнӣ, беҳтараш курсҳои якум, ки нав ба муҳити донишгоҳ ва талаботи омӯзгорони гуногун одат карда истодаанд, рост меояд. Тавре дар боло зикр ёфт, таҷриба дар татбиқи низоми дедлайнӣ, яъне гузоштани мӯҳлатҳои қатъӣ барои курсҳои болоӣ бенатиҷа анҷом ёфтанд, маҳз аз он сабаб, ки донишҷӯён ба ин усул аз аввали таҳсилот одат накардаанд ва дар курсҳои боло одатҳои худро иваз карданашон ғайримикон аст. Дар ҳар сурат, талаботи схемаи қатъии дедлайнӣ ба кори редаксия шабоҳат дорад - вақте ки барои иҷрои ягон супориш ба рӯзноманигор танҳо се соат фурсат дода мешавад. Муаллим ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки як супоришро иҷро накунад – донишҷӯён метавонанд

сабабҳои гуногун дошта бошанд, масалан, мавзӯъ “мувофиқи завқ набуд”, мӯҳлатро ба инобат нагирифт, дигар ҳолатҳои рӯйдоди ғайриқобилӣ пешбинӣ, ки ба анҷоми кори ба зимма гирифташуда монеъ мешавад. Инро дар истилоҳи ҳуқуқ қувваи қаҳрия (Force-majeure-форсмажор) меноманд.

*Шакли иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯ таҳти роҳбарии омӯзгор* (*КМРО*) аз фанни мазкур таҳияи як мақолаи журналистӣ аст. Албатта, донишҷӯёни курси якум ҳанӯз маълумоти кофӣ ва дониши назариявию малакаи амалии навиштани мақолаи баландсифати проблемавӣ надоранд, вале аз болои матни журналистӣ дақиқ кор мекунад, гарчанде дар мавзӯъҳои таърихӣ ҳам бошад, онҳо дар амал назарияро татбиқ мекунанд. Пеш аз ҳама, онҳо бояд ба мавзӯъ ва шакли пешниҳоди масъала, яъне тамаркузи мавод (фокуси мавод) қарор қабул кунанд. Дар рафти дарсҳои лексионию амалӣ муаллим доимо таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба нуктахои мураккабу тираи таърихи журналистикаи хориҷии аввали асрҳои XIX-XX ҷалб мекунад. Пешниҳод мекунад, ки дар давоми ду соати дарсӣ дар бораи зовияҳои гуногуни пешниҳоди мавзӯъ якҷоя фикр кунанд. Дуюм, донишҷӯён навиштани сарлавҳа (хедлайн) ва сархати асосӣ ё пешбар (лид)-ро меомӯзанд, ки бояд мавзӯи маводро инъикос намоянд. Сеюм, шарти ҳатмӣ барои таҳияи КМРО кор бо сарчашмаҳо – ҳадди аққал як китоб ва мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯъ. Чорум, донишҷӯён бояд мутахассиси салоҳиятдор пайдо кунанд ва аз вай шарҳу тафсир гиранд. Мақолае, ки аз болои он кор карда мешавад ва дар давоми нимсола давом мекунад, барои омӯхтани фанни таълимии навбатӣ “Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист” замина ба вуҷуд меорад. Бори нахуст танҳо 20 % фисади донишҷӯён ин корро иҷро мекунанд, ё ҳадди аққал аз бист танҳо чор нафар имкони иҷрои супориш доранд. Масъалаи асосӣ дар иҷрои ин супориш сирқат (плагиат), бознашри манбаъҳо, «ҷараёни шуур», ҷойгузин накардани мавод дар қолаби жанр ва монанди инҳо мебошад.

*Баҳои санҷишҳои фосилавӣ* аз рӯи ҷамъи супоришҳои дарсҳои амалии иҷрошуда ва ҳимояи корҳои мустақилона дода мешавад. Дар аввали нимсола ба донишҷӯён чунин вазифа пешниҳод карда мешавад – аз рӯйхати журналист ва публитсистони давраи қадим, яъне атиқа то замони муосир як муаллифро интихоб намуда, дар мавзӯи "Чаро мехоҳам бо ӯ мусоҳиба кунам?" мавод дар шакли презентатсия-муаррифӣ таҳия намоянд. Барои ҷавоб додан ба ин савол донишҷӯён бояд асарҳои тавсияшудаи муаллиф ё матнҳои мустақилона бо муаллим мувофиқашударо мутолиа кунанд ва барои мусоҳиба бо ин муаллиф на камтар аз 15 савол пешниҳод кунанд. Омӯзгор маслиҳат медиҳад - ҳангоми хондани матн шумо бояд ба худ суол кунед, ки «чӣ нофаҳмо?», «шумо ҷонибдори ақида ҳастед ё не?», «чӣ ба тааҷҷуб овард?», “чӣ кашф гардид? " Баъзеҳо (ақаллият) ба ин супориш бо назари шубҳа нигоҳ доранд (скептикӣ) – савол додан ба одамони кайҳо аз дунё рафта, чӣ мақсад дорад? Ҳар дафъа ҳангоми таҳияи презентатсияи

мусоҳиба донишҷӯён манфиатҳои бешубҳаи ин корро қайд мекунанд – онҳо хондани байни сатрҳо ва додани саволҳои мушаххасу кушодаро ёд мегиранд.

*Дар ҷамъбасти курс* метавон баъзе тағйиротро дар усули таълим номбар кард, ки дар тадриси дигар фанҳои таълимӣ ҳам истифода шаванд:

1) донишҷӯёни курсҳои якум ба услуб ва методҳои гуногуни таълим зуд одат мекунанд, масъулияти саривақт супоридани супоришҳо ва ба таври хос ва инфиродӣ иҷро карданро пурзӯр мекунанд;

2) пешакӣ иҷро кардани супоришҳои хаттӣ-эҷодӣ самараи дарсҳои амалиро зиёд мекунад;

3) донишҷӯён дар иҷрои супоришҳои журналистӣ, навиштани хабар ё мақола душворӣ мекашанд, аз сабаби надонистани назария ба хатоҳои ҷиддӣ роҳ медиҳанд, аммо маҳз иҷрои ин фаъолияти эҷодӣ ба омӯзиши маводи назариявӣ тақвият мебахшанд;

4) супоришҳои ғайримуқаррарӣ, ба монанди, таҳияи саволҳои мусоҳиба ба журналист-публитсистони маъруфи хориҷа, корҳои мустақилона дар шакли мақолаи публитсистӣ, маърӯзаҳо, эссе ва тафсир дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, таъмини фаъолнокии донишҷӯён, васеъ намудани доираи ҷаҳонбинии онҳо, вусъати дониши ибтидоии фанро чуқуртар мегардонад.

Хулоса, қайд кардан бамаврид аст, ки истифодаи усулҳои фаъол (интерактив) ва эҷодкоронаи таълим шавқу рағбати донишомӯзиро дар ниҳоди донишҷӯ-журналистон бедор мекунад, ба ҷустуҷӯи вариантҳои ғайристандартии иҷрои супоришҳои амалӣ, маҳорати таҳлилнамоӣ ва умуман, маданияти эҷодиро инкишоф медиҳад. Дарсҳои амалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки худро дар нақши журналистони шинохтаи хориҷи кишвар санҷанд, ба нокифоя будани донишҳои худ иқрор гардида, кӯшиши такмил додани донишу фаҳмишҳои худ кунанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Авдонина, Н.С. Потенциал дисциплины «История зарубежной журналистики» для обучения студентов-журналистов профессии/Инновационный потенциал педагогического образования как ресурс развития циркумполярных территорий: сборник материалов Международной научно-практической конференции (4-5 июля 2016 г.) / под ред. Т.С. Буториной, И.З. Сковородкиной. - Архангельск: САФУ, 2016. – С. 92-100.
2. Муродов, М. Б. Асосҳои эҷоди журналистӣ (Китоби дарсӣ). – Душанбе: Ирфон. – С. 128-132.
3. Переосмысление инженерного образования. Подход CDIO / Э.Ф. Кроули, Й. Малмквист, С. Остлунд, Д.Р. Бродер, К. Эдстрем; пер. с англ. С. Рыбушкиной. М., 2015.-504 с.
4. Тертычный, А. А. Жанры периодической печати. – М.: Аспект Пресс, 2000.-320 с.
5. Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ, дараҷа: бакалавр, самти тайёрӣ: 23 01 – таъиноти умумӣ, ихтисос: 1-23 01 08 “Рӯзноманигорӣ”, мӯҳлати таҳсил: 4 сол. Фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2019 № 15048.


## REFERENCES:


1. Avdonina, N.S. Potential of the discipline “The History of Foreign Journalism” for teaching students-journalists of the profession / Innovative potential of teacher education as a resource for the development of circumpolar territories: collection of materials of the International Scientific and Practical Conference (July 4-5, 2016) / under the general editorship of T.S. Butorina, I.Z. Skovorodkina. - Arkhangelsk: NArFU, 2016. - P. 92-100.
2. Muradov,M.B.Fundamentals of journalistic creation (textbook).–Dushanbe:Cognition, - P. 128-132.
3. Rethinking engineering education. CDIO approach / E.F. Crowley, J. Malmqvist, S. Ostlund, D.R. Brodeur, K. Edstrom; per. from English. S. Rybushkina. - M., 2015. - 504 p.
4. Tertychny, A. A. Genres of periodicals. – M.: Aspect Press, 2000. - 320 p.
5. State educational standard of higher professional education, degree: bachelor, field of study: 23 01 - general purpose, specialty: 1-23 01 08 "Journalism", term of study: 4 years. Order of the Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan dated December 20, 2019 No. 15048.